**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷило Бурӣ_______
«_21_» _апрели_ соли 2023

# ХУЛОСАИ

**кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Диссертатсияи **Иматова Манижа Қудратовна** дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)», дар кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Соли 2016 Иматова М.Қ факултети забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло ДБЗХТ-ба номи Сотим Улуғзода)-ро хатм намуда, соҳиби дипломи мутахассис аз рӯйи ихтисоси «муаллими забони англисӣ» гардидааст.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 31-уми октябри соли 2019, таҳти № 3/4-2 тасдиқ гардидааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба докторант дода шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия дар ҷаласаи кафедра чунин хулоса бароварда шуд:

Диссертатсияи мавриди назар бори аввал дар ҷаласаи кафедраи забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 20.04.2023, № 9 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар илми забоншиносии тоҷик ва англис мавзуи наву мубрам буда, мақсади асосии он баррасии воситаҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва анлисиро ташкил медиҳад.

**Мубрамияти таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хусусиятҳои забонии дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтаанд. Дар ҳоли ҳозир дараҷаи фаъолнокии тамосҳои забонии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ собит гаштааст ва дар ин ҷода шубҳае нест, вале сифати тарҷумаи унсурҳои забонии дискурси сиёсӣ то ба ҳол аз мадди назари касбии мутахассисони соҳа дур мондааст.

Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки аксарияти корҳои таҳқиқотии анҷомшуда дар самти муқоиса ва тарҷумаи англисӣ-тоҷикӣ анҷом дода шудаанд, дар ҳоле ки роҳу воситаҳои оммавӣ гардонидан ва ба самъи мухотабҳои хориҷӣ расонидани кӯшишҳо ва ташаббусҳои сиёсии роҳбарияти олии кишвар, ки дар дискурси сиёсӣ бо истифода аз воҳидҳои луғавию дастурии махсус сурат мегирад, муҳимтар арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи мазкур, ки дар он хусусияти луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума мавриди таҳлилу баррасии махсус қарор мегиранд, ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ бахшида шудааст ва натиҷаҳои мантиқии он холигоҳи бузургеро дар соҳаи номбурда пурра хоҳад кард.

**Мақсади** диссертатсия таҳлили муқоисавии хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ ва таҳқиқи натиҷамандии усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ мебошад.

**Вазифаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз инҳо иборат аст:

- бознигарӣ ва ҷамъоварии маводи назариявӣ оид ба мавзуъ;
- ҷамъоварӣ ва таснифу таҳлили маводи амалӣ – мисолҳо;
- муайян намудани вижагиҳои луғавии хоси дискурси сиёсӣ бар мабнои сарчашмаи мисолҳо;
- муайян намудани вижагиҳои дастурии хоси дискурси сиёсӣ бар мабнои сарчашмаи мисолҳо;
- таҳлили татбиқи усулҳои тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ ва дастурии хоси дискурси сиёсӣ ва арзёбии ҳусни тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ;
- таҳия ва чопи мақолаҳо ва ироаи маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳҳои гуногун;
- танзими натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба истифодаи мавод ва натиҷаҳои диссертатсия дар илми забоншиносӣ ва тадриси забонҳо ва ҳамчунин таҳқиқоти минбаъда.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** Дар диссертатсияи мазкур ҳамчунин корҳои илмӣ-таҳқиқотии марбут ба дискурс ва хусусиятҳои забонии матн аз олимони Ғарб, рус ва тоҷик ба монанд З. Ҳаррис, Э. Бенвенист; Тван Дейк; Ж.Ж.Деррида ва дигарон; Н.Д.Артюнова, В.В.Богданов, Б.М. Гаспаров, М.Л.Макаров, В.И.Карасик ва дигарон;

Мухторов, 2010; Насриддин, 2009; Шарипова, 2017 ва дигарон ҳамчун асоси назариявӣ ва методологӣ истифода гардиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсияи мазкур маротибаи аввал масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба хусусияти забонии дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Ба мабнои таҳлилу таҳқиқи муқоисавӣ дар ин кори пажуҳишӣ роҳу воситаҳои муносиби тарҷумаи ҷумлаҳои дискурси сиёсӣ ба забони англисӣ бо таваҷҷуҳ ба воҳидҳои луғавӣ ва дастурии он ва бо такя ба мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Хусусияти забонии дискурси сиёсӣ бо рангорангӣ ва обуранги пурғановати миллии худ дар забоншиносии тоҷик бори нахуст объекти таҳқиқ қарор мегирад ва бинобар ин дар рафти таҳқиқ ба ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангӣ ва хусусияти миллии мутуни сиёсӣ аз нигоҳи корбурди воҳидҳои забон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст, ки имкони ошкор намудани умумият ва хусусияти забонҳои мавриди назарро фароҳам меорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи зерин дар асоси маводи ғании назариявӣ ва амалӣ, ки ба мавзуъ ва мақсадҳои таҳқиқот созгоранд, боиси ба риштаи таҳқиқ кашидани ифодаи таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гардидааст.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби ӯ хусуиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи муқоиса ва тарҷума бори аввал мавриди таҳқиқу баррасии махсус қарор гирифтааст. Ҳангоми таҳсил дар докторантураи назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муаллифи диссертатсия аз рӯи он марҳила ба марҳила кор таҳқиқотӣ бурда, маводи арзишманди назарифӣ ва амалӣ ҷамъоварӣ намудааст ва ба натиҷаҳои мантиқӣ ноил гаштааст. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи муаллиф 4-тои он дар маҷаллаҳои таҷризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5-тои дигар дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ руйи чоп омадаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**

**а) мақолаҳое, ки дар маҷҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М].** Иматова М.Қ. Ташаккули дискурс дар ғарб\ М.Қ.Иматова // Паёми Донишкадаи Забонҳо.- Душанбе,2020.-№4(40).- С.60-64.ISSN 2226-9355.

**[2-М].** Иматова М.Қ. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои ҷумлаи содаи дутаркибаи тоҷикӣ ва англисӣ дар дискурси сиёсӣ /М.Қ. Иматова // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ.- Душанбе, 2022.-№4(99).-С.108-112.ISSN 2219-5408.

**[3-М].** Иматова М.Қ. Корбурди мухотаб дар дискурси сиёсӣ ва хусусияти тарҷумаи он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ /М.Қ. Иматова // Паёми Пажуҳишгоҳ.- Душанбе, 2023.- №1(41).- С.90-95.ISSN 2617-5320.

**[4-М].** Иматова М.Қ. Турсунов Ф.М. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои фразеологии дискурси сиёсӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣба

забони англисӣ.\ М.Қ. Иматова. Ф.М. Турсунов// Паёми Донишгоҳи Забонҳо.- Душанбе,2023.-№1(49).- С.13-20.ISSN 2226-9355.

б) Мақолаҳои дар дигар нашряҳои илмӣ ба табърасида:

**[5-М]** Иматова М.Қ. Оид ба тарҷумаи тоҷик \М.Қ.Иматова// масъалаҳои мубрами омӯзиши забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ (маҷмуаи мақолаҳои устодон, докторантон ва магистрантон).-Душанбе, 2019.-С.110-116.

**[6-М]** Иматова М.Қ. Шинохти дискурс дар илми забоншиносӣ/ Масъалаҳои муҳими омӯзишу тадрисӣ забонҳои хориҷӣ (Маводи конфренсияи ҷумҳурявии илмӣ амалӣ ).- Душанбе, 2021.-С.246-250.

**[7-М]** Иматова М.Қ. Таърих ва пайдоиши мафҳуми дискурс/ М.Қ.Иматова// Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавии омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот (Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ).-Душанбе, 2021.-С.165-168.

**[8-М]** Imatova M.K. The concept of discourse in modern linguistics\\ Current issues and prospects for the development of scientific research. - France, 2022.-p200-206.

**[9-М].** Иматова М.Қ.- Роҷеъ ба роҳҳои ифодаи мухотаб дар дискурси сиёсӣ ва хусусияти тарҷумаи он аз забони тоҷикӣ ба забони англиси /М.Қ. Иматова // Таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ дар замони муосир (маҷмӯаи мақолаҳои устодон, докторантон ва магистрон).-Душанбе, 2023.-С.68-74.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 13 зербоб, хулоса, замима ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки ҳар фасли он бо далелу натиҷаҳои илмӣ хулосабандӣ шудааст.

Боби якуми дисертатсия "Шинохт ва пажуҳиши дискурс дар забоншиносӣ " ба масъалаҳои назарявии дискурс ва ташшаккули он дар забоншиносӣ, дискурс дар забоншиносии рус, тоҷик ва ҳамчунин омӯзиши ақидаҳои олимони Ғарб бахшида шудааст.

Боби дуюм таҳти унвони "Хусусиятҳои лексикии дискурси сиёсӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ" ба таҳлили луғавии матни сиёсӣ ва хусусияти лексикии тарҷума аз забони тоҷикӣ ба забони англиси бахшида шудааст.

Боби сеюми дисертатсия бо номи "Хусусиятҳои дастурӣ(грамматикии) дискурси сиёсӣ ва ҳусни тарҷумаи он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ" ба масъалаҳои марбут ба таҳлили сохторӣ-маънoии воҳидҳои дастурии забон ба монанди мухотаб, воҳидҳои туфайлӣ, ҷонишинҳои шахсӣ, сифат бахшида шудааст, ки аз ин лиҳози муҳтаво ва равиши кор яке аз иқдомҳои аввалин дар забоншиносии тоҷик мебошад.

Муаллифи диссертатсия таҳлилу натиҷаҳои корро дар нуҳ банд ҷамъбаст намудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума(дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (phd)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, ҷиҳати дифоъ тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи филологияи англис Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 20 – уми апрели соли 2023, № 9 қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 9 нафар иштирок доштанд:

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 9 , «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 9 аз 20– уми апрели соли 2023.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забони англис,
номзади илми филологӣ, дотсент Кесамирова Саодат Рустамовна

**Котиби ҷаласа:** Иматшоева Мунира

Имзоҳои Р.С. Кесамирова ва М. Иматшоева–ро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003;
Сомона: www.ddzt.tj,
E-mail : ddzt@ddzt.tj